ФАЪОЛИЯТИ ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ НАЗДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ҲИСОБОТИ СОЛОНА

соли 2019

© ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ НАЗДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН , 2020

Мундарича

ИХТИСОРАҲО 3

ТАКМИЛ ДОДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАВӢ 4

ҶАМЪОВАРӢ ВА ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТҲО 8

НАЗОРАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҲИСОБОТДИҲАНДА 14

ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 16

МАРКАЗИ ОМӮЗИШӢ-МЕТОДИИ ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ НАЗДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН 21

ФАЪОЛИЯТИ 10-СОЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ПУРЗӮР НАМУДАНИ НИЗОМИ МИЛЛИИ МҚД/МТ/МПСҚО 24

Ихтисораҳо

ҶТ	Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ	Бонки миллии Тоҷикистон
БХМ ҚД/МТ	Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм
ГАО	Гурӯҳи Авруосиё дар самти МҚД/МТ
ДММ	Департаменти мониторинги молиявии назди БМТ
ИДМ	Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
МКМ	Мақомоти кашшофии молиявӣ
МҚД/МТ	Муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм
МҚД/МТ/МПСҚО	Муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом
ФАТФ	Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ
ШРМКМ	Шӯрои роҳбарони мақомоти кашшофии молиявӣ

ТАКМИЛ ДОДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАВӢ

Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои ФАТФ, пурзӯр намудани низоми МҚД/МТ/МПСҚО, рафъи камбудиҳои дар Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкоршуда, инчунин иҷрои Нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми МҚД/МТ/МПСҚО, ки 4 апрели соли 2019 аз ҷониби Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (минбаъд – Нақша), дар соли 2019 корҳои зерин анҷом дода шуданд:

1 Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” таҳия шуда, 02.01.2019, таҳти №1573 қабул гардид. Мақсад аз қабули лоиҳаи мазкур мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои 10, 11, 12, 20 ва 24 ФАТФ буда, талабот оид ба мушаххаскунии шахсияти молик-бенефитсиар ва манфиатгирони ҷуброни суғуртавӣ дар лаҳзаи пардохти суғуртавиро муқаррар менамояд.

2 Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” таҳия шуда, 02.01.2019, таҳти №1575 қабул гардид. Лоиҳаи мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияи 8 ФАТФ таҳия гардида, барои шаффоф фаъолият намудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва пешгирии таҳдидҳои дар маблағгузории терроризм истифода гардидани онҳо равона гардидааст.

3 Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” таҳия шуда, 02.01.2019, таҳти № 1586 қабул гардид. Лоиҳаи мазкур бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои 11, 12 ва 24 ФАТФ таҳия гардида, талаботи нигоҳдории маълумот оид ба муассисон ва молик-бенефитсиарҳо муқаррар менамояд.

4	Лоиҳаи “Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд” дар таҳрири нав таҳия шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.03.2019, таҳти №129 тасдиқ гардид. Мақсад аз таҳияи лоиҳаи мазкур дар таҳрири нав мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои 6 ва 7 ФАТФ буда, барои рафъи камбудиҳои дар Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкоршуда, иҷрои Нақша ва пурзӯр намудани низоми МҚД/МТ/МПСҚО мусоидат менамояд.
5	Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои 10-12, 15, 18-23 ва 25-28 ФАТФ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” таҳия гардида, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.
6	Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои 3, 5, 8, 24, 32 ва 35 ФАТФ лоиҳаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шуда, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.12.2019, №1529 қабул ва барои тасдиқ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.
7	Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шуда, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.12.2019, №1531 қабул ва барои тасдиқ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

8

Ҷиҳати мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияи 11 ФАТФ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” таҳия гардида, барои ҷамъбаст ба Департаменти назорати бонкӣ ирсол карда шуд. Лоиҳа пас аз мувофиқа намудан бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

9

Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои 10-12, 18-23 ва 25 ФАТФ лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №200 “Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар” таҳия гардида, барои мувофиқа ба воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

10

Лоиҳаи “Феҳристи аломатҳои аҳд ва амалиёти шубҳанок” дар таҳрири нав таҳия гардида, барои мувофиқа ба воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади иҷрои Нақшаи болозикр, тибқи пайнавишти №16 Ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО аз 13 сентябри соли 2019 гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба рафъи камбудиҳо ва таҳия намудани лоиҳаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар ҳайати мутахассисони Департаменти мониторинги молиявӣ, Вазорати адлия, Вазорати молия ва Хадамоти алоқа таъсис дода шуд. Санаи 19 декабри соли 2019 ҷаласаи гурӯҳи корӣ баргузор гардид, ки дар он як қатор лоиҳаҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқии аз ҷониби аъзои гурӯҳи корӣ таҳияшуда, аз ҷумла лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, “Дар бораи гаравхона (ломбард)”, “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок”, “Дар бораи алоқаи почта” ва “Дар бораи нотариати давлатӣ” баррасӣ гардиданд.

ҶАМЪОВАРӢ ВА ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТҲО

Барои иҷро намудани вазифаҳои худ дар Департаменти мониторинги молиявӣ барномаи коркарди маълумотҳо насб карда шудааст. Барномаи мазкур қобилияти қабул, коркард ва таҳлили ҳисоботҳоро дошта, ҳамарӯза аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, дар шакли муайяншудаи барномаи мазкур оид ба аҳди/амалиётҳои шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда маълумот пешниҳод гашта истодааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ин давра ба таври фосилавӣ ҳолати дуруст ва саривақт пешниҳод намудани маълумотҳо аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, тибқи талаботи шакли Ҳисоботии №101 “Оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда” санҷида шуда, дар доираи камбудиҳои ошкоргардида бо шахсони мутасаддӣ 60 омӯзиш ҷиҳати саривақт ва дуруст пешниҳод намудани Ҳисоботи №101 гузаронида шуда ва дар ин замина ба онҳо номи истифодабаранда ва рамзи маҳфии дастрасӣ ба барномаи коркарди маълумотҳо дода шуд.

Ҷадвали гузаронидани омӯзишҳо ҷиҳати саривақт ва дуруст пешниҳод намудани Ҳисоботи №101

Ташкилотҳои қарзӣ	40	2019
Нотариусҳо	20	

Дар давраи ҳисоботӣ Департамент ҳамкориро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти мониторинги молиявии хориҷӣ идома дода, ба 225 адад дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва ба 65 адад дархостҳои мақомоти мониторинги молиявии хориҷӣ ҷавобҳои дахлдор ирсол намудааст.

Ҳамзамон ДММ, дар доираи ҳамкорӣ ба мақомоти дахлдори ватанӣ 97 адад ва ба мақомоти мониторинги молиявии хориҷӣ бошад 105 адад дархостҳо оид ба дастрас намудани маълумоти дахлдор ирсол намуд.

Ҷадвали 1.

Ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори ватанӣ	2018	2019
Ирсолшуда	313	97
Воридшуда	195	225



Ҷадвали 2.

Ҳамкорӣ бо мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ	2018	2019
Ирсолшуда	116	105
Воридшуда	37	65

Дар ин давра, аз ҷониби Департамент бо мақсади муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ҳолатҳои эҳтимолии қонунигардонии даромадҳо бо роҳи фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир, сохтакории ҳуҷҷатҳо, барнагардонидани маблағҳо бо асъори хориҷӣ аз дигар кишварҳо, инчунин ҳолатҳои эҳтимолии соҳибкорӣ ё фаъолияти тиҷоратии ғайриқонунии якчанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ошкор гардида, оид ба онҳо маводи ташаббусӣ (12 мавод) барои баррасӣ ва гузаронидани корҳои тафтишотӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон, бо мақсади ошкор ва пешгирии ҳолатҳои маблағгузории терроризм ва шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ-экстремистӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ 60 маводи ташаббусӣ ирсол гардид.

Ҷадвали маводҳои ташаббусии ирсолнамудаи Департамент ба мақомоти дахлдори ватанӣ чунин аст:

Ҷадвали 3.

Шумораи маводҳои ташаббусии ирсолшуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ	2018	2019
дар самти маблағгузории терроризм	82	60
дар самти қонунигардонии даромадҳо	23	12



Ҷадвали 4. Ҷадвали натиҷаҳои Департаменти мониторинги молиявӣ дар доираи маводҳои пешниҳодшуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

Ташаббус	Аломат	Ҷиноят бо модда	соли 2018		соли 2019	
			Шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ	Шумораи шахсон	Шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ	Шумораи шахсон
Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ	Ҷиноятҳои хусусияти террористи-дошта	401.1	0	0	1	1
		179.2	7	7	2	2
		179.2 ва 401	0	0	4	4
		179.2 ва 187	1	1	0	0
		179.2, 187 қ.2 ва 307.2	1	1	1	1
	Дигар ҷиноятҳои предикатӣ	287 ва 340.2	1	1	1	1
		287, 340.2 ва 247	1	1	0	0
		247 қ.4 банди “б”	0	0	3	5
		245 қ.4 банди “б”	0	0	1	1
		257 қ.3 банди “б” ва 340 қ.2 банди “б”	0	0	1	1
		қ. 2, 3, 5, моддаи 36, 320 ва 340	1	7	0	0
		245 қ. 4 бан. “б”, 247 қ. 4 бан. “б”, 262 қ. 3 бан. “б”, 292 қ. 1 ва 170	1	1	1	1
Ҳамагӣ			13	19	15	17

Ҷиноятҳои хусусияти террористидошта



Дигар ҷиноятҳои предикатӣ



НАЗОРАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҲИСОБОТДИҲАНДА

Дар давраи сипаришуда ҷиҳати назорати иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо намояндагони дигар сохторҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон санҷишҳои ҳамаҷонибаи 32 ташкилоти қарзӣ ва 2 ташкилоти суғуртавӣ гузаронида шуда, аз натиҷаи онҳо санадҳои санҷишӣ тартиб дода шудааст. Дар натиҷаи санҷишҳои ҳамаҷонибаи гузаронидашуда аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон нисбати ташкилотҳои зикршуда вобаста ба камбудиҳои ҷойдошта чораҳои фаврӣ-ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар намуди ҷарима ва ирсоли амрномаҳо татбиқ карда шудааст.

Дар ин раванд, бо назардошти ҷой доштани камбудиҳо дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, дар асоси моддаи 527 иловаи 1-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахси масъули 1 ташкилоти қарзӣ Протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Дар натиҷа аз ҷониби Суд нисбат ба шахси масъул ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима ба андозаи 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 2750 сомонӣ таъин карда шуд.

Инчунин, дар ин давра аз тарафи Департамент санҷишҳои фосилавии ташкилотҳои қарзӣ низ гузаронида шуд, дар натиҷа вобаста ба камбудиҳои ошкоршуда ва бартараф намудани онҳо чораҳои фаврӣ-ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ татбиқ гардида, инчунин 23 амрнома ирсол ва ба маблағи умумӣ дар ҳаҷми 175 000 сомонӣ ҷарима ситонида шудааст.

Ҳамзамон, Департамент дар якҷоягӣ бо Вазорати адлия санҷиши 19 нотариуси давлатиро дар қаламрави ҷумҳурӣ гузаронид ва аз натиҷаи он барои бартараф намудани камбудиҳо санадҳои санҷишӣ доир ба иҷро намудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МҚД/МТ/МПСҚО тартиб дода шудааст.

Илова бар ин, дар ин давра санҷиши фаъолияти 2 идораи букмекерӣ ва 2 гаравхона дар самти МҚД/МТ/МПСҚО дар якҷоягӣ бо намояндагони Вазорати молия низ гузаронида шудааст.

Санҷишҳои ҳамаҷониба

ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ҷаласаҳои пленарии ГАО

Дар давраи ҳисоботӣ намояндагони Департамент аз 22 то 26 майи соли 2019 дар ҷаласаи 30-юми пленарии Гурӯҳи Авруосиё (ГАО) оид ба МҚД/МТ, ки дар ш. Москва (Федератсияи Россия) баргузор гардид, ширкат варзиданд. Дар рафти Ҷаласаи 30-юми пленарӣ дар қатори дигар кишварҳои аъзои ГАО, Ҷумҳурии Тоҷикистон малакаи худ ва таҷрибаи беҳтаринро оид ба омодагӣ ба баҳодиҳии низоми миллии МҚД/МТ дар мувофиқа ба тавсияҳои ФАТФ манзур намуд.

Аз 25 то 29 ноябри соли 2019 дар шаҳри Ашқобод (Туркманистон) Ҷаласаи 31-уми пленарии ГАО ва ҷаласаи Гурӯҳҳои корӣ баргузор гардид, ки дар онҳо ҳайати кишвар таҳти роҳбарии Ализода З. - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ширкат варзид. Тибқи расмиёти гузаронидани даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни ГАО, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти ин Ҷаласа вобаста ба даври дуюми баҳодиҳии тарафайни низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО-и кишвар Ҳисобот оид ба пешрафт пешниҳод гардид.

Ҳамкории байниидоравӣ

Дар соли 2019 дар бинои Бонки миллии Тоҷикистон 3 маротиба ҷаласаҳои Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО баргузор гардиданд. Қобили зикр аст, ки Комиссия ниҳоди ҳамоҳангсози ватанӣ дар самти таъмини иҷроиши муқаррароти қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ва густариши ҳамкорӣ байни мақомоти марбутаи давлатӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Санаи 11 январи соли 2019 дар бинои бонк ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО таҳти роҳбарии Ватанзода М.М. - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ баргузор гардид. Дар рафти ҷаласа “Нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми МҚД/МТ/МПСҚО” муҳокима гардида, ҷиҳати баррасии он ба вазорату идораҳои масъул дастурҳои мушаххас дода шуд.

3 май ва 13 сентябри соли 2019 дар бинои бонк ҷаласаи навбатии Комиссияи доимамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО таҳти роҳбарии Зариф Ализода - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ баргузор гардид. Дар ҷаласаи мазкур ҳозирин доир ба фаъолияти анҷомдода дар самти МҚД/МТ/МПСҚО маълумот пешниҳод намуданд. Ҳамзамон аъзои Комиссия вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати омодагӣ ба Ҷаласаи 31-уми Пленарии ГАО, ки дар рафти он ҳисобот оид ба пешрафт дар доираи ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни кишвар манзур хоҳад гардид, дар ҳамбастагӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешанд.

ШРМКМ кишварҳои иштирокчии ИДМ

29 майи соли 2019 дар ш. Москва, ҷаласаи 13-уми ШРМКМ кишварҳои иштирокчии ИДМ баргузор гардид. Аъзои ШРМКМ як қатор масъалаҳоро баррасӣ намуданд, аз ҷумла, ҳамкорӣ дар самти пешгирии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, муқовимат ба маблағгузории терроризм, сохтор ва истифодаи Низоми мубодилаи иттилоот миёни мақомоти кашшофии молиявии кишварҳои иштирокчии ИДМ.

Санаи 27-уми ноябр ҷаласаи 14-уми ШРМКМ ИДМ ва ҷаласаи гурӯҳҳои кории ин Шӯро баргузор гардиданд. Дар рафти ин чорабиниҳо масъалаҳои тақвият бахшидани ҳамкории судманд, ҳамкориҳои минтақавӣ оид ба МҚД/МТ, муаррифии натиҷаҳои ҷумҳурӣ ва иштирок дар қабул намудани қарорҳое, ки мавқеи кишварро муайян менамоянд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ

Санаи 24 январи соли 2019 дар бинои бонк ҷаласаи навбатии Гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани БХМ ҚД/МТ таҳти роҳбарии Сироҷзода Сайфиддин – Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ (Роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ) баргузор гардид. Дар ин ҷаласа масъалаҳои марбут ба ҳисоботи БХМ ҚД/МТ ва камбудиҳои ҷойдоштаи он мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Аз ҷониби кормандони ДММ рӯнамо вобаста ба Ҳисоботи БХМ ҚД/МТ ба аъзои Гурӯҳи корӣ пешниҳод гардид.

Фаъолият дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

Бо мақсади муҳокимаи талаботҳо ҷиҳати рафъи камбудиҳои низоми МҚД/МТ/МПСҚО ва ҷалби кӯмаки техникӣ дар ин давра ташрифи ҳайатҳои зерин ба кишварамон сурат гирифт:
• 18 - 19 сентябри соли 2019 мулоқоти мушовири Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ дар самти МҚД/МТ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ;
• 7 - 11 октябри соли 2019, ҳайати Ташкилоти ихтиёрӣ оид ба хизматрасониҳои молиявӣ (FSVC);
• 4 – 8 ноябри соли 2019, ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор, ба ҳайати мазкур намояндагони Котиботи ГАО ва Маркази байналмилалии омӯзишӣ-методии мониторинги молиявии Федератсияи Россия (МУМЦФМ) низ шомил буданд;
• 18 – 22 ноябри соли 2019, ҳайати Бонки Осиёии Рушд.

Дар рафти ташриф тибқи барнома вохӯриҳо ва машваратҳои пешакӣ бо намояндагони мақомоти дахлдори давлатӣ ва бахши хусусӣ вобаста ба омода намудани маводҳо дар самти МҚД/МТ, инчунин андешидани чораҳо ҷиҳати рафти камбудиҳои низоми мазкур баргузор гардиданд. Ҳайатҳои мазкур омодагии худро ҷиҳати пешниҳоди кӯмакҳои техникӣ дар самтҳои мухталиф иброз намуданд.

Ба имзорасонии созишномаҳои ҳамкорӣ

Бо мақсади тавсеа бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, бо як қатор кишварҳо, аз ҷумла бо Давлати Қатар, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Амороти Муттаҳидаи Араб, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Латвия, Ҷумҳурии Литва, Малайзия ва Минтақаи махсуси Ҳонг Конг баимзорасонии Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилоот ба нақша гирифта шудааст.

Рӯйхати Ёддоштҳои тафоҳуми баимзорасида бо МКМ-и хориҷӣ

№	Мақомот	Санаи баимзорасонӣ
1	Хадамоти давлатии кашшофии молиявии Ҷумҳурии Қирғизистон	2010
2	Маркази мониторинги молиявии Бонки марказии Арманистон	2011
3	Хадамоти давлатии мониторинги молиявии Украина	2012
4	Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Россия	2012
5	Мақомоти кашшофии молиявии Ҷумҳурии Исломии Эрон	2012
6	Идораи кашшофии молиявии Вазорати молияи Туркманистон	2012
7	Департаменти мониторинги молиявии Кумитаи назорати давлатии Ҷумҳурии Белорус	2013
8	Кумитаи кашшофии молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Қазоқистон	2013
9	Маркази мониторинг, таҳлил ва муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаи Бонки мардумии Хитой	2014
10	Шӯрои тафтишоти ҷиноятҳои молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Туркия	2015
11	Департаменти ахбороти молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Лаҳистон	2015
12	Мақомоти кашшофии молиявии Афғонистон	2015
13	Мақомоти кашшофии молиявии Япония	2015
14	Мақомоти кашшофии молиявии Индонезия	2016
15	Мақомоти кашшофии молиявии Ҳиндустон	2016

МАРКАЗИ ОМӮЗИШӢ-МЕТОДИИ ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ НАЗДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Қайд кардан зарур аст, ки Маркази омӯзишӣ – методӣ барои рушди захираҳои зеҳнии кормандони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №166 аз 7 декабри с. 2018 дар назди Департаменти мониторинги молиявӣ таъсис ёфта, 27 марти с. 2019 ба он иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон АУ №0002733 барои гузаронидани курсҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои омӯзишӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО дода шуд.

Аз 22 то 26 июли соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Маркази омӯзишӣ – методии Департаменти мониторинги молиявӣ нахустин курси омӯзишӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО барои кормандони ташкилотҳои қарзӣ гузаронида шуд.

Инчунин, рӯзҳои 23–27 сентябри соли 2019 ва 09-13 декабри соли 2019 низ барои кормандони (54 шунаванда) ташкилотҳои қарзӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО курсҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки курси омӯзишӣ бо иштироки коршиносони варзида, ки бевосита дар низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО фаъолият менамоянд ва аз курси махсуси соҳавӣ дар хориҷи кишвар гузаштаанд, баргузор гардид.

Шунавандагони курс бо самтҳои мухталифи мавзӯъҳои марбут ба МҚД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи мазкур, муқовимат ба терроризм ва маблағгузории он, заминаҳои ҳуқуқӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО шинос шуданд. Дар ҷараёни чорабинии мазкур лекторон бо рӯнамоҳо баромад карда, ба саволҳои шунавандагон посухҳои мушаххас доданд. Дар фарҷоми курсҳо шунавандагон ба саволҳои тестӣ бо таври мушаххас ҷавоб пешниҳод намуданд.

Шунавандагони курс пас аз хатми курсҳои омӯзишӣ дониши худро дар самти МҚД/МТ/МПСҚО васеъ намуда, дар фаъолияти худ истифода менамоянд. Бояд қайд намуд, ки ба шунавандагони курсҳои омӯзишӣ сертификат доир ба хатми курси умумӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО дода шуд.

ФАЪОЛИЯТИ 10-СОЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ПУРЗӮР НАМУДАНИ НИЗОМИ МИЛЛИИ МҚД/МТ/МПСҚО

28 октябри соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар мавзӯи “Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пурзӯр намудани низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО” таҳти роҳбарии Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва Раиси Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Зариф Ализода бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишвар, бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалии муқими шаҳри Душанбе ва як қатор шахсони масъул конфронси илмӣ-амалӣ баргузор гардид.

Конфронсро Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ҳусни оғоз бахшида, зимни суханронӣ қайд кард, ки дар ҷаҳони муосир МҚД/МТ/МПСҚО яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати мубориза алайҳи ин амали номатлуб тамоми чораҳои заруриро андешида истодаанд.

Директори ДММ Фарҳод Билолов дар навбати худ оид ба фаъолияти ҷории ДММ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО рӯнамои худро манзури аҳли нишаст гардонида, қайд кард, ки маҳз бо саъю кӯшиши мақомоти дахлдори кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Дар кори конфронс Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Зариф Ализода, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода, Муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Ҳотам, Раиси БДА ҶТ “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ, Муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳафиззода Шодӣ ва дигар намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишвар зимни баромади худ саҳми Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистонро дар самти МҚД/МТМПСҚО назаррас арзёбӣ намуданд.

Дар конфронс иштирокдорони ҷамъомад таъкид бар он доштанд, ки дар ҳамбастагӣ бо мақомоти дахлдори кишвар метавонанд ҳолатҳои марбут ба ҚД/МТ-ро ошкор намуда, рушди минбаъдаи низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО такони ҷиддӣ бахшанд ва нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба падидаҳои терроризм дар арсаи ҷаҳонӣ боло баранд.

Дар охир аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон кормандони мақомоте, ки дар инкишофи низоми МҚД/МТ/МПСҚО-и кишвар саҳми арзанда гузоштанд, бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.

© ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ НАЗДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН , 2020